**ИНОЯТУЛЛОҲ ШАРИФӢ**

# ҲАЙКАЛИ НАНГ

**Душанбе**
**«Адиб»**
**2014**

ББК 84 Тоҷик 7-5

Ш –

Муҳаррир Г. Сафар

Ш – Иноятуллоҳ Шарифӣ. Ҳакали нанг (маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе, «Адиб», 2014, 96 саҳ.

Мавзӯи ашъори ин маҷмӯаро садоқат ба Ватану модар, муҳаббат ба хоку оби кишвар ва эътиқоду эътимод ба фардои гулафшони Тоҷикистон азиз ташкил медиҳад.

ISBN

© Иноятуллоҳ Шарифӣ, 2014

**шеърҳо**

xxx

Сулҳу ваҳдат ҷовидон ояд ҳаме,
Бар диёри тоҷикон ояд ҳаме.
Ворисони Оли Сомонем мо,

Ин ҳақиқат бар забон ояд ҳаме.
Кулбаи торики мо равшан шуда,
Файзу эҳсон ончунон ояд ҳаме.
То абад поянда бошӣ, эй Ватан,
Ашки шодиам равон ояд ҳаме.
Дар фазои ту кабӯтарҳои сулҳ
Села-села парфишон ояд ҳаме.
Баҳри табрики азизони Ватан
Хона-хона меҳмон ояд ҳаме.

xxx

Эй кишвари зебоям, дар даҳр ту яктоӣ,
Дар рӯи ҷаҳон набвад монанди ту зебое.
Ман байту ғазалхонам дар иди шукӯҳи ту,
Оваҳ, ки ба ин хубӣ раънoиву барноӣ.
Баски туӣ маъвоям, ман дар ту биосоям,
Ту рӯҳи тану ҷону ҳам набзи дили моӣ.
Душман ба ғараз гарчи ҷангеву талотум кард,
Баъди ҳама ноҷӯрӣ покиву мусаффоӣ.
Дар рушду нумӯъ имрӯз ҳар кунҷу канори туст,
Бар тоҷики бономус чун машъали фардоӣ.
Ҳарчанд ки дар фаршам, ту арши Шарифиӣ,
Ман васфи ту кам гуфтам, аз ин ҳама болоӣ.

## САЛОҲИ МУЛКУ ВАТАНДОРӢ
**Эҳдо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон**

«Қабои хусравӣ дар бар наояд ҳар касеро хуш,
Сари ҳар носазоеро назебад тоҷи султонӣ.
Салоҳи мулк агар хоҳӣ биёмӯз, эй шаҳи олам,
Тариқи подшоҳиро зи Исмоили Сомонӣ.»
(Рашиддудини Ватвот, шоири асри XIII )

Қабои хусравӣ дар бар биёмад шоҳи моро хуш,
Зи ин доди Худо ҳар дил зи шодӣ мешавад дар ҷӯш.
Чу ӯ лутфи Худо дар сарзамини Тоҷикистон аст,
Қадам ҳар ҷо ки монад, мекушояд ҳар диле оғӯш.

Сари ӯро аҷаб зебида ин дам тоҷи султонӣ,
Зи рӯяш нур борад, шукр кун, гар аҳли имонӣ.
Ҷаҳон бишнохт ин дам Бӯҳанифа ибни Собитро,
Ҳақиқат рӯ зада, сад шукр, ин бошад мусалмонӣ.

Салоҳи мулкдориро биёмӯзонд бар олам,
Ҳама бадхоҳи мулкаш гашт ҳоло рондаву мулзам.
Бимонад сулҳу ваҳдат то абад дар мулк побарҷо,
Ки ӯ бӯсид аз меҳри зиёде пояи парчам.

Аё халқи бузурги тоҷикам, ту хуб медонӣ,
Бувад розӣ аз ӯ арвоҳи Исмоили Сомонӣ.
Худоро шукр, ин сон раҳнамо бар мо ато кардаст,
Шарифӣ бо сари боло кунад шеъру ғазалхонӣ.

## Ҳайкали нанг
**Дар зодрӯзи устод Айнӣ**

Дар Душанбешаҳри тоҷик,
Шаҳри зебо чун арӯсон
Шону шаҳмат аз бузургон
Мезанад дар дида ҷавлон.
Ҳайкалӣ Айнӣ ба дида
Эй басо зебо намояд.
Пурҷило зебо намояд,
Ё ки бас зеботар ӯ аз
Нуқраву тилло намояд.

Шукр дорам, аз Бухоро,
Аз Бухорои сухандод,
Аз Бухорои суханшод,
К-ӯ ба халқи тоҷики ман
Айнии алломаро дод.

Айнӣ омад бар Душанбе,
Ҳамчу моҳ аз парда берун.
Мисли Сайҳун, мисли Ҷайҳун,
Бо фарози тоҷикона.
Бо намози тоҷикона,
Аз ғами миллат ҷигархун.

Айниву андешаҳояш
Дар Душанбе ёфт сайқал.
Баъди маргаш дар Душанбе
Баҳри миллат монд ҳайкал.

Бигзарам бо дидаи нам
Ҳар саҳар аз кӯчабоғаш.
Мекунад ҳар лаҳза беист
Ҷони ман ӯро суроғаш.
Ҳайкали нанги варо ман
Мепарастам, дӯст дорам.
Ҳар саҳар як дастаи гул
Бурда бар пояш гузорам.

## Субҳи Наврӯз

Мепарастам гули наврустаи худрӯи баҳор,
Мепарсатам дили шайдоию чашмони хумор.
Аз ҳама дағдағаи бехаборон дилгирам,
Ман надорам ба чунин тоифа ҳаргиз сару кор.
Ман – манӣ кард агар тангдиле, гӯшкарам,
Хоҳам он дилбари симинзақану бӯсу канор.
Дил агар об шавад дар қадами хушназаре,
Дили дарёшударо ҷону танам бод нисор.
Хоки кишвар ҳама зар бошаду ҳамчун ҳадя
Бубарам шеъри баҳория ба дилдода нигор.
Зулфи маъшуқа шабе буду нигоҳаш рӯшан,
Рӯшанӣ бод дигар бор ба Наврӯзи Ҳисор.

## Мо ҳарду ташнадил

Мо ҳарду ташнадил, мо ҳарду содаем,
Бар қалби якдигар мо раҳ кушодаем.
Ҳарду ба ҳам қарин, ҳамроҳу ҳамсадо,
Аз баҳри якдигар ҳамстем ҷонфидо.
Обу адо манам, обу адо туӣ,
Шоҳу гадо манам, шоҳу гадо туӣ.
Оғӯши ман бувад маъвою масканат,
Меҳроби ман шуда он холи гарданат.
Лабҳои мо бувад як умр бӯсахоҳ,
Аз дарду ғам туро дорад Худо паноҳ.

## Эй тоҷикам

Эй тоҷикам, эй миллати боору номвар,
Нофаҳмият зи чист дар ин даҳр ин қадар?
Бар ту чӣ шуд, ки ин қадар андӯҳу ғам ба дӯш,
Берун зи марзи кишвари худ гашта дарбадар.
Бояд шикаст гардани шайтон ба ҳар куҷо,
Бояд гузашт сарбасар аз ҷурми якдигар.
Бояд бигашт даст ба дасти бародарон,
З-ин ҷангу нанг ҳар ки бувад кош дар ҳазар.
Мотамсарост хонаату бин чӣ рӯзи сахт,
Ҳайфо, ки хун ҳаме чакад аз чашму аз ҷигар.
Парвардигори бо карам, эҳсону лутф кун,
Дигар мабод тоқати марги ягон нафар.
Берун бисоз кинаву бухле зи ҳар диле,
Эмин бидор миллати моро ту аз хатар!

## Ба деҳқон

Эй марди нек, машъали давру замонаӣ,
Ҳаққо зи қавми Рустами даврон нишонаӣ.
Майдони ҳарбу зарби ту саҳрову киштгоҳ,
Ҳар субҳидам ба ҷониби саҳро равонаӣ.
Айёми киштукор чу мӯре кашида ранҷ,
Аз пушти файзи хонаиву кишту донаӣ.
Ҷонам фидои қудрати бозуву панҷаат,
Машғули кор буда ту рӯзу шабонаӣ.
Бо қомати хамидаат астӣ ту сарбаланд,
Бас хоксору содаву марди ягонаӣ.

## Гузаштагон

Гузаштагон, гузаштагон,
Гузаштагон аз ин ҷаҳон,
Ба зери хок хуфтаед,
Бибод шод рӯҳатон.

Куҷост Рӯдакии шеър,
Куҷост Бӯалӣ, куҷо?!
Куҷост Ҳофизу Камол,
Ки рафтаанд бар фано.

Хазон надид аз шумо –
Бузургмарду мӯътабар.
Аҷам бимонд аз шумо
Ба шеъри ноб шӯълавар.

Чу Айнӣ дид як замон
Забони хешро забун,
«Намунаи адаб» навишт
Ба дидаҳои пур зи хун.

Чу Мирзо ба чашми ақл
Бидиду монд дар шигифт,
Бихонд шеъри дигаре,
Ки оламе ба ҳам гирифт.

Чӣ ранҷҳо кашидаед

Шумо барои ин забон,
Ба насли пас аз ин расад
Чу ганҷу бахт «Тоҷикон».

Мақоми давлатӣ гирифт
Кунун забони тоҷикон,
Ба таърихи башар дигар
Биёфт умри ҷовидон.

## Шукри неку бад

Як бандаи мӯъмини худоям,
Бо мардуми хайр ҳамсадоям.
Як пора яхам ба мардуми шарр,
Хуршед барои ошноям.
Аз қисмати талхи миллати хеш
Ҳасратзадаам, ба худ наоям.
Ҷонам бикунам фидои он дӯст –
Сад гӯш шавад бари садоям.
Агӗр кунад ҷафо ҳама умр,
Ман мӯъниси ёри бовафоям.
Шукронаи хонаю дари худ,
Шукри ҳама неку бад намоям.

**Ҳамсабақон**
Бо шумо чун шӯълаи рангинкамон,
Лаҳзаҳои умр аҷаб хушранг буд.
Синаҳо лабрези шодӣ буду дил
Мурғаки дар рақси сад оҳанг буд.

Гар ба обу оташам андохтӣ
Бо таманно дилбари болоназар,
Хотири ман як замоне шод буд
Бо азизони зи ҳолам бохабар.

Ин сари шӯридаи ман як замон
Бо шумо як дона дар хирвор буд,
Одами норозие аз мо набуд,
Пиру барно балки миннатдор буд.

Шод бошед ҳар куҷо, эй дӯстон,
Аз назарҳо гарчи дур афтодаед.
Монда дар дил чун китоби хотира,
Бартар аз таъму хумори бодаед.

Мекунам ёди шумо, эй дӯстон,
Нимашабҳо эй басо дуру дароз.
Бо шумо будам фақат ман сарбаланд,
Бо ҳама он шӯру он сӯзу гудоз.

**Зодгоҳи падар**
Патурӯ деҳаи хушобу ҳаво,
Зодгоҳи падари хушназарам.
Ба мазори ту зиёрат оям,
Зи фараҳ шодаму болост сарам.

Кабку булбул ҳама дам нағмасаро,
Оби рӯди ту зулол астию соф.
Ба муродаш бирасад дармонда,
Бикунад ҳар ки мазори ту тавоф.

Зи канори ту падар рафт ба ҷанг,
Ва ба дил гуфт: «Ватанро сипарам».
Гарчи маҷрӯҳ зи ҷанг ӯ баргашт,
Буд таманнои ту қадди падарам.

Сокинони ту муҳоҷир шудаанд
Ҳама бо амру тақозои замон.
Ҳам кунун аз пайи ободианд,
Ҳама бо хотираи аҷдодон.

Тути ту доруи садҳо дард аст,
Ки ба ҳафт иқлими дунё машҳур.
З-оби чашма қадаҳе нӯш кунӣ,
Шавӣ он лаҳза қавиву масрур.

Дӯст дорам ба тамоми ҳастӣ
Ман туро, деҳаи зебоманзар.
Патурӯ, эй чамани синаи ман,
Патурӯ, ҷои қадамҳои падар.

## ҶОН НИСОРИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷон фидову нисори Истиқлол,
Шукри Парвардгори Истиқлол.
Баҳри ҳар сокини ватан бошад
Эй, басо хуш, баҳори Истиқлол.
Зинда бод аҳли байти ҳар хона
Дар паноҳу канори Истиқлол.
Хуш ба ҳоли халқи тоҷикам,
Бин ҳама посдори Истиқлол.
Эй, Шарифӣ, баландтар бардор
Парчами ифтихори Истиқлол.

## Шарора

*(Тифли шашрӯзае пас аз заминларзаи Шарора ёфт шуд ва ӯро ба поси хотири ҳамдеҳагонаш Шарора ном ниҳоданд)*

Ба яке шаби зимистон,
Ки будӣ ситораборон,
Ба амал Шарора ларзид,
Ки фурӯ бирафт осон.

Ҳама бингарӣ, ки ҳайрон,
Ҳама бингарӣ, ки сарсон.
Талу теппаҳо хамида,
Шуда деҳ ба хок яксон.

Чу замини деҳ ларзид,
Сари кӯҳу ёла таркид.
Ту фақат нишона мондӣ,
Чу нишони умри ҷовид.

Ту ба ҷои мардуме чанд
Ба баҳори умр пайванд.
Ту давоми хеш мебош,
Нашавад гусаста ин банд.

Ту чу тифли ширхора,
Зи ҳазор ҷони пора.
Зи ҳазор ҷони хаста
Ту нишонаӣ, Шарора.

Ба алайҳи ин замона
Ту бизиҳ ҷовидона,
Ки зи мардуми Шарора
Ту нишонаӣ, нишона.

## Ба боқимондагони Шарора

Зиҳӣ, эй мардуми монда,
Агарчи ғам ба дил доред.

Шуморо сабр мехоҳам,
Ки бономусу бооред.

Чӣ расме одамӣ дорад,
Гаҳе шоду гаҳе маҳзун.
Гаҳе сармасту болида,
Гаҳе шӯридаву дилхун.

Шуморо ҳам ғаме, ки ҳаст,
Зи дил он меравад рӯзе.
Агарчи боқӣ мемонад
Ҳазорон оҳу афсӯсе.

Дигар деҳи наве созед,
Дарахтон сабз бинмоед.
Барои дӯстон дигар
Даре аз сина бикшоед.

Ба роҳи зиндагӣ бошед,
Намуда деҳи нав бунёд.
Бисозед аз барои худ
Дигар як деҳаи обод.

## Маро дигар маҷӯ

Маро меҷӯию гоҳо бипурсӣ,
Куҷоӣ? Ин қадар ҳам камнамоӣ?
Чаро ошуфтаву хотирпарешон,
Ба назди ман чаро дигар наоӣ?

Ман охир суратат бигрифта бар даст,
Даруни хона танҳо менишастам.
Гаҳе бо номи ту шеъре навишта,
Хумори қалби худро мешикастам.

Туро медидаму мешуд дилам зор,
Аҷаб саргаштаву маҳзун будам ман.
Намедидӣ марову буда мағрур,
Зи рафторат басо дилхун будам ман.

Зи баски бемурувват будаӣ ту,
Ба ман ҷабру ҷафо бисёр кардӣ.

Миёни душманону дӯстонам
Маро бечораҳолу хор кардӣ.

Маро дигар маҷӯ, дигар маро ту
Ба обу оташи ишқат маяндоз.
Агар ёри дигар ёбӣ, ба рӯяш
Дари ишқу муҳаббатро бикун боз.

## Ту ҳусни оламӣ

Ту фарзанди заминӣ, маҳҷабинӣ,
Ту ҳусни оламу чархи баринӣ.
Чу ишқи ту ба сина хона карда,
Ту аз шарёни набзам ҳам қаринӣ.
Ба ин зебоию лутфу назокат
Кунун дар хонаи чашмам нишинӣ.
Басо хушзавқу хушбину мунаввар,
Хушо, шоистаи сад офаринӣ.
Ҳама шодии дунё аз ту бодо,
Ғами дунё, Худовандо, набинӣ.
Ту андар хотами ишқу муҳаббат
Басо зебанда дунёе – нигинӣ.
Шарифӣ, дил ба ӯ бастӣ кай охир
Зи дунёи висолаш гул бичинӣ?!

## Монӣ ҷовид
**Барои Соҷидаи Каримдухт**

Ту чу як мӯъҷизаи ҳусни худододи сухан,
Чу шавад маҳфиле оғоз, диҳӣ доди сухан.
Ҳар гаҳе дер расад савту садоят бар гӯш,
Дон, ки он лаҳза кунам ёди туву ёди сухан.

Ту, ки бо хоҳараки раҳматиам ҳамномӣ,
Ҳамчу вай сарвқаду нозуку хушандомӣ.
Дили ҳасратшударо яке хумораш шиканад,
Чу бубинам туӣ он хоҳари хушфарҷоме .

Ту баҳори сухaниву ту чу пайғому навид,
Зи ту бар гӯши гарон ҳам сухани тоза расид.
Ҳамчу шеъри дарӣ як умр бимон поянда,
Гарчи он хоҳари ман рафт, ту монӣ ҷовид.

## Ёд бикун
Эй Дилафрӯз, маро ёд бикун,
Ҳар шабу рӯз маро ёд бикун.
Ба раҳи омаданам хандон бош,
Дида медӯз, маро ёд бикун.
Ин ҷаҳон рӯшани маҳрӯён аст,
Олам афрӯз, маро ёд бикун.
Зиндагӣ сӯхтан, афрӯхтан аст,
Ҳар нафас сӯз, маро ёд бикун.
Сабақу панд ту дарёб зи умр,

Ҳикмат омӯз, маро ёд бикун.
Ба баногӯши ту гул мебастам,
Рӯзи Наврӯз маро ёд бикун.
Шаб агар хоб намебиниям,
Саҳари рӯз маро ёд бикун.

**Олиҳаи ҳусн**

Ай олиҳаи ҳусни худоят дода,
Бас оразы хуш дорӣ, дили озурда.
Ду каф ба дуоям, ки ту ёрам бош,
Абрӯи гареҳбастаи худ бикшода.
Бар лофу дурӯғи нокасон дил надиҳӣ,
К-аз ишқи туам дар ин ҷаҳон афтода.
Ҳар кас, ки баде кунад, баде мебинад,
Аз нек туро Худо накӯят дода.
Кай лутфи худо шавад, ки ман дар бари ту
Берун шавам аз кайфу хумори бода.

## Тӯҳфа

Ту рафтию бимонд аз ту нишона
Яке рӯмол рамзи ишқи покат.
Шудам мафтуни рӯмоли базебат,
Чуноне ки ба чашмони сиёҳат.

Ҳар он гоҳе бибӯям рӯймолат,
Бихезад оташи ишқи ҷавонӣ.
Нависам шеърҳои нав бароят,
Ки монад аз мане дар зиндагонӣ.

## Дар шаби базм

Миёни гулрухон дар он шаби базм
Ба ман ту рӯ ба рӯ истода будӣ.
Ҳама сармасту хандону вале ту
Ба фикри хештан омода будӣ.

Ду чашми нурполои ману ту
Дили гумкардаҳои хеш меҷуст.
Диламро ту рабудиву дили ту
Бишуд дар синаи фаррохи ман руст.

Нигоҳи чашмҳои шӯълаборат
Даруни синаам оташ биафрӯхт.
Ҳама ғамҳои ширинат, азизам,
Ба ман мардиву сарбозӣ биомӯхт.

Даруни синаи пуроташи ту
Ҳавоеву ҳавас бас мезанад ҷӯш,
Бибӯсидам лабони хандазебат,
Гирифтам ҷисми нозукат ба оғӯш.

Чӣ садо ба сар дорем ҳар ду,
Ки худ дилбозии мо саҳл будаст.
Худо, аз чашми бад эмин нигаҳ дор,
Мабодо ҳамдигарро дод аз даст.

## Дар сӯгвории хоҳарам Мукаррамҷон

Боз як кулфату андӯҳ биёмад ба сарам,
Ба ғам олуда бишуд хоҳараки мушти парам.
Ӯ дигар тоб наёварду гузашт аз дунё,
Сина афгору ҷаҳон тор шуд андар назарам.

Хоҳарам олиҳаи ҳусну расо зебо буд,
Нармдил, хушгапу сарвинқадаку раъно буд.
Ҳаргиз аз вай сухани бад нашунидам, ҳаргиз,
Ӯ барои мани ҳасратзада як дунё буд.

Ӯ ғами хонаву дар хӯрд, ки бемор бишуд,
Алами додару хоҳар чашид, афгор бишуд.
Рӯзи хуш ҳеҷ надиду ситами зор кашид,
Ба ғами дарду аламҳои ҷаҳон ёр бишуд.

Дар ғами хоҳаракам обу адо хоҳам гашт,
Баҳри дидори вай акнун чу гадо хоҳам гашт.

**Ба духтарам Моҳирачон**

Аё фарзанди гулрухсору зебову ҷигарбандам,
Туро мебинаму дилшодаму сармасту хурсандам.
Худованди таоло меҳрубону пуштибонат бод,
Давоми умри ман бошию ҳастӣ решапайвандам.
Фиреби қисмататро чашми ман асло набинад кош,
Ки дода зиндагӣ сад панду ҳам бисёрҳо фандам.
Ҳама аз доди Ҳақ доранд бо сад арза шукрона,
Фақат ман шукр дорам, ки туӣ фарзанди дилбандам.
Ҳамеша сарбаланду некному дар амон бошӣ,
Ба як лабханди ту сад дардро бар бод афкандам.

**Дар зодрӯзи нахустнабераам Сабрина**

Ҳастӣ ту давоми умри ман, Сабрина,
Ман сер наям зи рӯят аз порина.
Асло ҳаваси сарвати дунё накунам,
Аз баҳри манӣ ту беҳ зи сад ганҷина.
Момои ту чун намуд тарки дунё,
Ман чашмаки чору сад ғами дерина.
Сад ранҷу ҷафо Худо ба ман дид раво,

Дар ҳарду ҷаҳон набинӣ ранҷу кина.
Як умр барои ту ғазал хонам, кам,
Ин тӯҳфа ба ту ба бегаҳи одина.

**Ба Собир Зикирзода**

Кошкӣ, ҳаргиз набинӣ ғуссаву андӯҳу дард,
Чун туе кам дидаам озодаву покиза фард.
Васф созӣ ҳақпарастонро ту бо шеъру суруд,
Лек алайҳи нокасон бо хома бошӣ дар набард.
Аҳли эҷоди Ҳисорамро ту бошӣ сарпараст,
Назму насри ту маро сад борҳо тасхир кард.
Пайкари зебо, сари болои ту моро писанд,
Соҳиби фазлу хирад, оташқалам, эй родмард.

**Мабодо хам сари боло**

**Ба Ҳакималӣ Назаралӣ**

Ману ту зодаи як обу хокем,
Ману ту зодаи як деҳу водӣ.
Ҷаҳони баччагӣ як ҷо гузашта,
Ба мактабхонию бозию шодӣ.

Туӣ оқил, туӣ як мактаби панд,
Ту авлотар зи ҳар як ганҷу сарват.
Ту як ганҷинаи волои дониш,
Барои ман ту будӣ дарси ибрат.

Дилам хоҳад, ки кӯдак бошаму боз
Сабақомӯзи ҳар дарси ту бошам.
Паси парта сафи хонандагонат,
Зиё бахшам ба чашми нурпошам.

Азобу ранҷи халқу кишвари мо
Даруни синаҳо дарду алам шуд.
Ва шуғли мову ту дар зиндагонӣ
Китобу дафтару барги қалам шуд.

Худованди кариму босахоям
Тамоми одамонро ёр бошад.
Илоҳо, душманони миллати мо
Заифу нотавону хор бошад.

Мабодо хам сари болоят, эй дӯст,
Намоӣ пас аз ин хуш зиндагонӣ.
Аё устод, эй марди бармӯманд,
Ту бо эҷодҳоят ҷовидонӣ.

**Сеҳри ту**

Гуфтаӣ бар дӯстонат ҳар куҷо:
– Ин қадар шармин бувад ин навҷавон.
Дӯсташ медорам ӯро, лек ӯ
Аз муҳаббат ҳеҷ накшояд даҳон.

– Гар наафрӯзад ба қалбам оташе,
Заррае аз ишқи ту, аз меҳри ту,
Пас чӣ сон беҳуда лофи ишқ гуфт,
Ишқи покам дур бод аз сеҳри ту.

## Имтиҳони айём

Агар шеър аст боқиву бақоям,
Зи дил бояд ғами мозӣ зудоям.
Маро ҳар он чӣ бар сар омаду рафт,
Худам донистаму танҳо Худоям.
На хешу ақрабо шуд марҳами дил,
На ёру ҳамнишину ошноям.
Биафтодам ман аз мадди назарҳо,
Касе нашнида афғону садоям.
Шуда ҷонам ба лаб бо амри тақдир,
Чу таркам кард ёри бевафоям.
Бурид аз ман бародар вақти тангӣ,
Киро бояд дигар бовар намоям?!
Чаҳон торик гашта пеши чашмам,
Гумонам, ки ба худ дигар наоям.
Ба мисли моҳии монда ба хушкӣ,
Ҳама аз хеш кардандӣ ҷудоям.
Вале сад шукр, шукри поки Яздон,
Ки ризқу рӯзӣ аз нав кард атоям.
Ҳабиби покзоде марҳамам шуд,
Ба вақти тангдастӣ муттакоям.
Ҳар он чизе, ки мегардад насибам,
Ҳазорон шукр аз ман бар Худоям.

## Зи миён рафт

*(Дар сӯгворим Эътибори Элмурод шоираи ҳисорӣ, ки соли 1994 дар 19-солагӣ риштаи умраш ба таври фоҷиавӣ канда шуд)*

Сад ҳайф, ки навғунчаи боғи адабистон
Нашкуфтаву ноком зи гулзори ҷаҳон рафт.
Садҳо аламу дард ба дил дошт, валекин
Афсӯс, аз ин боғу аз ин ҷою макон рафт.
Бо он ҳама шеъри тару озодаву сода
Чун шеъри таре буду валекин зи миён рафт.
Ҳар он чи бигуфтем, ҳама дарду алам буд,
Дар ҳасрати моҳе, ки ба сад хели гумон рафт.
Чун қисмати талхи ҳамаи мардуми тоҷик,
Як лаҳза дурахшиду аз ин даврy замон рафт.

## Ватан пазмони ту

*(Дар ҳошияи «Гумгаштаҳо»-и*
*Саидаҳмади Зардон)*

Дар дил маро сад оҳу воҳ
Андар ғами гумгаштаҳо.
Ман худ намедонам, ки кай
Дил мешавад аз ғам раҳо.

Гар ҳамватан дар зери хок,
Ё дар кучҷое синачок,
Умре ба сар дорад ба ғам,
Ояд ба кишвар, нест бок.

Ҳар як қаламкаш аз алам
Бо дард меронад қалам,
То ин ки дигар модаре
Асло нагӯяд во балам.

Ҳар ҷо, ки бошӣ, ҳамватан,
Бо ман туӣ ҳамҷону тан.
Дар синаи ман ёди ту,
Пазмони ту ин ҷо Ватан.

## Устод зинда бошӣ

**Ба овозхони мардумии Тоҷикистон**
**Ҳусайни Насриддин**

Эй пири хушзарофат, устод, зинда бошӣ,
Эй кони панду ҳикмат, устод, зинда бошӣ.
Бар ташнагон бихонӣ бас шеъри нобу рангин,
Ровии хушназокат, устод, зинда бошӣ.
Бар наврасон ту умре омӯзгори мардӣ,
Одобу ҳам садоқат, устод, зинда бошӣ.
Дар шодию ғами халқ будӣ ту ҳамдами халқ,
Машҳур ҳам ба шӯҳрат, устод, зинда бошӣ.
Ҳар гоҳ месароӣ, обу адо намоӣ,
Аз дил зудоӣ иллат, устод зинда бошӣ.
Овораву парешон анбӯҳи ҳарду майдон,
Дилхуни дарди миллат, устод, зинда бошӣ.
Онӣ, ки ҳақпарастӣ, ҷону ҷигар ту ҳастӣ,
Сар то ба по адолат, устод, зинда бошӣ.
То ҳаст нони гандум, бошӣ миёни мардум,
Садсолаву саломат, устод, зинда бошӣ.

**Ба устод Зафар Нозим**

Ҳаркӣ ӯро рӯи саҳна гар ғазалхон дидааст,
Ахтари дунёи санъатро дурахшон дидааст.
Ошиқони дил мувофиқ, ҷуфти кабки кӯҳсор,
Дар суруди ӯ ҳама ин ҷумла рақсон дидааст.
Дар суруди ӯ ҳамовозӣ намуда шодмон,
Хешро дар арсаи иҷрои паймон дидааст.
Панди Бедил, Саъдию Ҳофиз суруда ҳар замон,
Мӯсафедонро ба саҳна ашкрезон дидааст.
Мардуми ҳинду сурудашро ба гӯши дил шунид,
Ҳамдилии мардуми Афғону Эрон дидааст.
Сарпарасту ҳақпарасти ҷумла шогирдони хеш,
Ҳар кӣ дидаш, булбуле аз Тоҷикистон дидааст.

## Тарки ёрӣ

**Ёде аз Тоҷиддин Муҳиддин**

Зи мо рафтию кардӣ тарки ёрӣ,
Ба оҳу сӯзи мо коре надорӣ.
Гумонам, ки шавӣ дар саҳна пайдо,
Маро монда ду чашми интизорӣ.
Ҳамон лаҳни басо овозадорат
Бидорад рӯзу шаб моро хуморӣ.
Падидоре агар гардӣ ба симо,
Шавад аз ҳарду чашмам ашк ҷорӣ.
Ҳамин танҳо илоҷам, то ки ҳастам,
Намоям хотири ту посдорӣ.

## Исфара

Эй, басо шаҳри базебу дилситонӣ, Исфара,
Беҳтарин мавзеи ин рӯи ҷаҳонӣ, Исфара.
Мардҳоят аҳли фазлу ҷумла занҳоят башарм,
Хуш диёри нозанин гулдухтаронӣ, Исфара.
Обу хоки ту шифобахшу ҳавоят беғубор,
Олами асрорию дар худ ниҳонӣ, Исфара.
Аз забони сокинони ту ҳамерезад шакар,
Шаҳдбезу шаҳдрезу боби ҷонӣ, Исфара.
Меҳри ту ҳамчун Ҳисор андар дилам маъво гирифт,
Баъд аз ин дар синаи ман ҷовидонӣ, Исфара.

## Як каф дуо

*(Барои ҳамшираҳои шафқати Осоишгоҳи «Зумрад»)*

Зи сар то по вуҷуди ту набинад дард, ҳамшира.
Гули рухсораат ҳаргиз нагардад зард, ҳамшира.
Нагирад домани поки ту ҳаргиз гард, ҳамшира,
Чӣ хуш ёди ту бо худ мебарад ҳар мард, ҳамшира.

## Шукри фарзанди бузургат

Номи Турсунзодаву ашъори ӯ воло бувад,
Дӯстдори ӯ ҳама пиру ҷавони мо бувад.
Шуд Ҳисор овозаи дунё туфайли килки ӯ,
Номи ӯ дигар баланд аз ҳар баландиҳо бувад.
То замоне зиндаам, вирди забонам шеъри ӯ,
Шеъри ӯ дар сина гарм аз тасфи ҳар гармо бувад.
Гарчи аз дунё гузашт устод, аммо зинда аст,
Марқадаш умре зиёратгоҳи олимҳо бувад.
Шукри фарзанди бузургу ҳам азизат, эй Ватан,
Номи шоир фахр бар ҳафтод пушти мо бувад.

## Ба ёди Ҳабибулло Назаров

Ӯ, ки дил бар китобу дафтар шуд,
Мушкилоташ ҳама паси сар шуд.
Орзӯяш, ки буд шукуфоӣ,
Орзӯяш ҳама муяссар шуд.
Номбардори халқи худ гардид,
Шаҳсутуни қавии кишвар шуд.
Партави нур гашт дар шабҳо,
Мисли маҳ равшану мунаввар шуд.
Ӯ ба водӣ зи кӯҳ об овард,
Коми мардум зи оби ӯ тар шуд.
З-ӯ раҳи деҳашон бишуд мумфарш,
Ҳусни деҳа базебу дигар шуд.
Дар ҷавонӣ зи бас ки хорӣ дид,
Пеши мардум сағирапарвар шуд.
Ӯ сарояндаи дуторӣ буд,
Ошиқи поки ҳусни дилбар шуд.
Монд аз ӯ ба халқ эҷодаш,
Мардумашро ба сина бовар шуд.
Рӯзи маргаш ҳама бишуд гирён,
Пиру барно ба дидаи тар шуд.
Хуллас ӯ дар саҳифаи таърих
Бо бузургон ҳаме баробар шуд.

## Дурдонаи тақдир

Ҳама шаб рӯю мӯятро ба ҳасрат ёд меорам,
Туро, эй ҷони ширин, дӯст медорам.
Ба ишқи ту дилафгорам.
Гаҳе аз хеш берун гашта дар гирдоби нофаҳмӣ,
Дили нарми ту озурдам.
Биё, ҷоно, туро дигар наозорам,
Туро дурдонаи тақдир мегӯям.

Ба қалбат роҳ меҷӯям,
Дигар сардат намегӯям.
Гули рӯи ту мебӯям,
Биё, ҷонам, биё ҷонам, ки бе ту ман набитвонам,
Дигар асло масӯзонам.

«Маро аз ман наҷустӣ, ҷустӣ аз ҳазёни бадгӯён»,[1]
Маро нашнохтиву оҳу воҳам монд.
Зи пушти ту нигоҳам монд.
Ки месӯзам, даруни хеш берун мешавад дудам,
Ки дар подоши ишқат бевафо будам.
Кунун як фанди лобудам,
Бубин, бе ту наосудам.

Дили ман бо дили ту аз ҷавонӣ гашта буд пайванд,
Чӣ сон ман метавонам риштаи уммеди дилро канд,
Ки дилро кардаӣ дар банд.
Ба чашмони пур аз афсун,
Ба лабҳои тару майгун,
На бо макреву не бо фанд.
Биё, ҷоно, ки ман аз нав туро оғӯш мегирам,
Нафас бе ту намегирам, намегирам.

## Ба бадзамир

Ту шӯҳратпарасту ҳавои даҳан,
Мазан пеши мардум ту лофи сухан.
Чу фосиқ ту бешарму рӯю риё,
Ки шарме надорӣ зи халқи Худо.
Надорӣ ту раҳме ба барнову пир,
Басе носипос астию бадзамир.
Гумонат, ки аз мо ту болотарӣ,
Вале дар назарҳо зи бад бадтарӣ.
Аз он, ки ту ҳастӣ палиди навин,
Ба болонишинон шудӣ ҳамнишин.
Шавам рӯ ба рӯ гар ба ту, эй разил,
Бигардад дили ман ба як дам хиҷил.
Ба замми ҳама ҳастӣ одамфурӯш,
Ту панди ниёгон надорӣ ба гӯш.
Ту раҳме надорӣ ба бечорагон,
Диҳӣ пешпо ҳар киро ногаҳон.
Шавад, ки яке худ хурӣ пешпо,
Наёбӣ раҳоӣ дигар аз бало.

[1] Мисраъ аз устод Лоиқ

## Ба ёди хоҳарам Соҷида

Омад ба сарам ғами пайи ҳам чида,
Ду чаши тарам ҳанӯз нохушкида.
Баъди падару модару додар, эй вой,
Рафт аз бари ман хоҳаракам Соҷида.
Ӯ дар ғами худ набуд, буд дар ғами ман,
Ҳар бешу ками маро ба ҷон санҷида.
Ду дасти муҳаббаташ ба пешонаи ман,
Аз умри равон даме наосоида.
Эй бор Худо, ҷаннатиаш бинмоӣ,
Ду каф ба дуоям ба ғамаш нолида.

## Се ахтари ман рафт

Падар дунёи фонӣ тарк карду аз сари ман рафт,
Сутуни хонадонам буду аз бому дари ман рафт.
Тасаллои дили бишкастаи ман модари ман буд,
Чӣ бадбахтӣ, ки баъде чанд аз сар модари ман рафт.
Ба ёдаш нолаҳои зор мекардам тамоми рӯз,
Басо ашки ду чашмам талх рӯи бистари ман рафт.
Ба ҳар як доду нododи Худо шукрона мекардам,
Бубин бозии қисматро, ки аз бар додари ман рафт.
Паёпай зарбаҳои шӯри пешонӣ насибам шуд,
Гумон кардам, ки ин ҷони равон аз пайкари ман рафт.
Худоё, ҷояшон ҷаннат шавад, эй войи тақдирам,
Зи дастам ҳеҷ н-ояд, бин, ки ҳар се ахтари ман рафт.

## Такопӯи зиндагӣ
## Барои Сайфиддин Акрам

Зиндагӣ дорад такопӯ,
Роҳи осонаш маҷӯ.
Зиндагӣ бо гиряву бо ханда хушрӯ, эй бародар.

Аскари гумномро чашминтизор

Волидоне, ки ба қисмат дода тан.
Баҳри хушрӯзии мо худ кардаанд
Ҷоннисориҳо ба ҳифзи ин Ватан.
То ба имрӯз ӯ наистоду назист,
Бояд имрӯз аз барои ӯ гирист.

Шодмониҳо аз он бояд намуд,
Ки Ватан пора нашуд, аз мо бишуд.
Дасти Аҳриман бишуд кӯтаҳ аз ӯ,
Пойбарҷо монд бо буду набуд.
Ин Ватан мероси аҷдодонамон,
Худ давоми давлати Сомониён.

Сабти овози ту дар магнитафон,
Рӯи курсие дар айвон.
Гӯшакаш тобам, шавам аз худ бадар,
Алҳазар! Аз бадзамирон, алҳазар!
Алҳазар! Аз Аҳриманҳо алҳазар!
Мерасад форам ба гӯшам
Савту овози ту хуштар.
Боз хуштар,
Эй, бародар.
Ворису ҳамдеҳаи оғо Ҳабибулло Назар!

## Дар самои зиндагӣ

Маро сӯзу гудози ишқат, эй ёр,
Басо пурдарду пурҳасрат намуда.
Чу шамъи хира сӯзам дар шаби тор,
Хаёлат хоби чашмонам рабуда.

Ҳама дору надорамро бароят
Бубахшидам, аз ин пас ҳам бубахшам.
Чу ахтар дар самои зиндагонӣ
Ҳамеша ҳамраҳи ту медурахшам.

Ба васфат шеър мегӯям, ба дастат
Китоби қисматамро месупорам.
Туро дар лаҳзаҳои сахти умрам
Намоям ҳифзу гирам дар канорам.

Басо пуробуранг ин зиндагонӣ,
Варо бояд аз ин хушрангтар кард.
Бубояд дасти ҳамдигар бигирем,

Ки навмедӣ набинему дили сард.

***

Ба дастам хома буду ногаҳонӣ
Ба ёд омад маро рӯзи ҷавонӣ.
Чӣ ширин дар наворам нақш баста
Замони ишқварзӣ – дилситонӣ.
Лабони духтари ҳамсояро шаб
Ҳамебӯсидам аз мардум ниҳонӣ.
Чӣ сон сармаст, ҳам болидахотир,
Ту гӯӣ дар канорам буд ҷаҳоне.
Чӣ сон шавқаш ба ҷони ман асар дошт,
Ки бинмудам барояш шеърхонӣ…
Хати тақдир чун моро ҷудо кард,
Фурӯ афтод бар сар осмоне.
Агар донистаме оқибати кор,
Раҳо аз худ намекардам ягоне.
Дил аз дастам бирафту шеърҳоям
Бимон аз нози он маҳрӯ нишоне.
Дили ман оқибат шуд хонавайрон,
Вале ӯ монд дар шеърам, ҳамоне!

***

Мо ҳар ду ошно, мо ҳар ду содаем,
Аз ишқ оламе бар худ кушодаем.
Дамсозу ҳанафас, ҳамрозу ҳамдилем,
Ҳамроҳу ҳамсадо, ёрони хушгилем.
Бори ато туӣ, обу адо манам,
Шоҳу худо туӣ, ҳамчун гадо манам.
Оғӯши ман шуда меҳроби тоатат,
Меҳроби ман шуда оғӯши роҳатат.
Асрори ишқи ман бе туст сӯзу оҳ,
Нек аст сози ту, эй нози бегуноҳ.

***

Падари хушназар зи дунё рафт,
Модарам гашт аз ғамаш нотоб.

Бар тамошояш чу гурги марг омад,
Шуд ҳаром аз барои ман ҳам хоб.

Додарам ҳам пас, аз ӯ, ки дид
Маргро дар даричаи умед.
Хоҳарам ҳам ба ғам фурӯ омад,
Тарки мо гуфту рафт ӯ ҷовид.

Ман кунун ҳамчу мурғи парканда,
Дар ғами ин чаҳор нолонам.
Субҳу шом аз алам ҳамегиряд
Хонаву дару бому айвонам.

***

Аё, эй, дилситони олами ин шаҳри навбунёд,
Зи хоки пои ту ҳар кӯчаву гулгаштҳо обод.
Дили ман аз паси гарди қадамҳои ту саргардон,
Аз он рӯзе, ки чашмам бар гули рухсори ту уфтод.

Ту худ сарчашмаи илҳоми шеъри шоирон астӣ,
Ва дунёи ману дунёи қалби ошиқон астӣ.
Ту софу поку беолоише оби равон астӣ,
Яқин донам, ки дар меҳру вафо аз содиқон астӣ.

Кунун зори навозишҳоят астам, зори оғӯшам,
Зи шавқи васли ту саргаштаву ҳам масту мадҳушам.
Набитвонам дигар ман аз раҳи мақсуд баргаштан,
Дар обу оташи ишқу умеди ту ҳамеҷӯшам.

Ҳамехоҳам, ки умре андар ин боғу чаман бошӣ,
Гули болонишини анҷуманҳои Ватан бошӣ.
Шарифӣ ҳам ҳамеша аз Худо як илтиҷо дорад,
Ки ту ҷони ману ёри ману дилдори ман бошӣ.

*******

**Ба ёди Зафар Нозим**

Зафар як олами касбу ҳунар шуд,
Зи оғози ҷавонӣ муътабар шуд.
Зи осори бузургон баҳра бардошт,
Ба дарёи саодат ғуттавар шуд.
Тамоми ҳастияш бар саҳна бахшид,
Чу як соҳибҳунар ӯ ҷилвагар шуд.
Пур аз панду насиҳат буд каломаш,
Муҳибби ҷумлаи аҳли назар шуд.
Барои нангу номуси диёраш
Ба тораш гӯй монанди сипар шуд.
Сари роҳи варо монеа бисёр,
Қавиазмона бин, ки даргузар шуд.
Замини ними дунёро қадам зад,
Ба ҷовидон кунун ӯ дар сафар шуд.
Ва рӯзи рафтанаш чун аҳли кишвар,
Маро аз оби дида рӯй тар шуд.
Ва шукрона аз он, баъди сари вай
Аламбардори ӯ бин, ки писар шуд.
Аз он ки Ҷовидон ҳам шуд ҳунарманд,
Зафар осуда шуд, чун бохабар шуд.
Шарифӣ, ҳасрати ӯ дар дили ман,
Бубин, ки то қиёмат ҳамсафар шуд.

## Гулборон
**(мувашшаҳ)**

Ман набошам соҳиби мошину молу тоҷу тахт,
Он қадар шукронаи ҳастии фарзандон кунам.
Ҳар гаҳе ки ҷамъ меоянд онҳо гирди хон,
Ибтидо шукронаи аҳли ҷигарбандон кунам.
Ростгӯю ростпеша, ростқавлу рострав,
Азму ҷазми рост доранд, шукр аз Яздон кунам,
Ҷониби ҳарфи нахусти сатрҳо бинмо назар,
Оқибат номи варо дар шеър ҷовидон кунам.
Нозбӯямро баҳорон шеъру гулборон кунам.

## ҒАЗАЛҲО

xxx

Умри рафта рӯзҳои рафта барбоди ман аст,
Он чи аз ман рафт, танҳо бор дар ёди ман аст.

Зиндагиро мечашидам дар ҷавонӣ талхтар,
Тифлиам айёми неки хотири шоди ман аст.
Зиндагӣ оянда ву номи накӯ ву орзу,
Ишқ домангири тарфи доду бедоди ман аст.
Поси хотир аз шаҳидони ҷавони ғӯрамарг
Дар дили шӯридаи фарзанди дилшоди ман аст.
Зистан бо назму бо тавфиқу бо ҳаммаслакон –
Сабт дар доираи табъи худододи ман аст.

ххх

Соли нав шуд дӯстон, эй мардуми аҳли савод,
Аз гузашти сахт дигар ҳеҷ нанмоед ёд.
Миллати пешонашӯру талхтақдирам, дигар
Уқдаҳои риштаи қисмат зи нав бояд кушод.
Хун гириста дар фироқи ғӯрамаргони шаҳид,
Модарон, андар сари гаҳвораҳо бошед шод.
Боз баргардад ба манзил тоҷики берун зи марз,
Кулбаи вайронаи ӯ то абад обод бод!
Орзу дорам, ки бошӣ сарбаланд, эй халқи ман,
Он камони дастро рӯи замин бояд ниҳод.
Пиру барнои Ватан, бошӣ саломат ҳар куҷо,
Дар паноҳи он Худое, ки ба мо доду надод.

ххх

Сад ҳазорон панд донӣ, зиндагӣ фандат кунад,
Гарчи доно бошӣ, як рӯзе аҷал бандат кунад.
Муттакое гар надорӣ дар замину осмон,
Амри Ҳақ ояд агар, бо чарх пайвандат кунад.
Сарвати бисёр дориву надорӣ чашми сер,
Чашми гушна худ бигӯ, ки сер то чандат кунад?!
Андар ин чархи барин мо кӯдакони содаем ,
Зиндагӣ гоҳо фиреби мағзу гулқандат кунад.
Зинаи одамгариву мардӣ аст аз ҳад баланд,
Метавонад, ки ҷавонӣ орзумандат кунад.
Хидмати модар, падар бинмудаӣ ё ин ки на,
Он чӣ ту кардӣ ба эшон, боз фарзандат кунад.

xxx

Қурси маҳ рӯят, саропоят баазеб,
Ман ғазалхони туям чун андалеб.
Ҳар каломат дилкашу шавқовар аст,
Ишваву нози ту бошад дилфиреб,
Ту сухан гӯӣ, саропо ҳушу гӯш,
Бо худу бехуд гаҳе бошам, аҷиб,
Он суоле, ки азият медиҳад,
Васли ту оё маро бошад насиб?
Лутфи Эзид шодкомам мекунад,
Гар туе бошӣ барои ман ҳабиб!
Сар ба пои тоати ту бохтам,
Иншоаллоҳ, бахт ёр аст анқариб.
Баъд аз ин дар олами ишқу умед
Ҳеҷ гоҳе ту намебошӣ ғариб.

xxx

Ба рӯи моҳи ту ман ҳар гаҳе, ки дида медӯзам,
Дарун андар дарун хун мешавам, оҳиста месӯзам.
Насибам ту набудастӣ, дарeғо, оҳу вовайло,
Кунун бе ту дар ин олам, сияҳпӯшам, сияҳрӯзам.
Зи мактабхонаи ишқат ҳар он дарсе, ки бигрифтам,
Муроди дил нашуд, зеро ки шогирди бадомӯзам.
Наям қонеъ аз ин савдову ҳам аз шӯри пешонӣ,
Талабгори ту аз даргоҳи Яздон ҳар шабу рӯзам.

***

Эй чашму мижгонат сияҳ, уммеду армонам туӣ,
Дар осмони умри ман хуршеди тобонам туӣ.
Шоме агар раҳгум задам дар чорсӯи зиндагӣ,
Рӯшан раҳам аз ту шавад, моҳи шабистонам туӣ.
Ҷоми пур аз ишқи туро дорам ба каф, эй маҳлиқо,
Аз даст нагзорам, ки дарду аҳду паймонам туӣ.
Дар синаи ман ҷой нест бар ишқу лофи дигаре,
Ишқу вафову орзу, имону виҷдонам туӣ.

Саргаштаи кӯи тую дилдодаи рӯи туям,
Дар сарҳисоби зиндагӣ дигар саробонам туӣ.
Лаълу гуҳар бар чаши ман камтар зи хокистар расад,
Лаъли Бадахшонам туӣ, ганҷи Зарафшонам туӣ.
Дар чорбоғи зиндагӣ бе ту надорам қимате,
Сарву санавбар ҳам туӣ, садбаргу райҳонам туӣ.
Озурдахотир бинамат, озурда ҷонам мешавад,
Яъне, ки эй ҷону ҷигар, ҷонам туӣ, ҷонам туӣ.

***

Ишқе ба дилам рӯ зад дар аввали бегоҳӣ,
Чун барқ, ки меояд бетаъкиду огоҳӣ.
Оташ ба дили ман зад, бар обу гили ман зад,
Дар шоми умеди ман пайдо шуда як моҳе.
Бингар, ки чиҳо кардаст, ин сина пур аз дард аст,
Ҳайфо нашавад марҳам ин кушта ба ҷарроҳӣ.
Он гуна дилам бурда, чун ҷоне, ки аз мурда
Як умр варо ҷӯям, мехоҳӣ, намехоҳӣ.
Дар ҳасрати рӯяш ман, дар ҳасрати мӯяш ман,
Он гуна дилам бо ӯ, к-аз об шавад моҳӣ.
Пайдош кунам боре, набвад дигарам коре,
Гар гум кунам аз роҳе, бо дард кашам оҳе.
Ёбам агар аз олам, аз бахт ҳамеболам,
Гар нест насиби ман, монам чу пари коҳе.

***

Ин қадар содаву озодаву ботамкинӣ,
Ҳамчу товус хиромӣ туву бас рангинӣ.
Рақси мавзунат аҷаб дилкашу зебо будааст,
Ки сазовори ситоиш туву сад таҳсинӣ.
Ту ба ин ҳусни худодод чу ҳаждаҳсола,
Кош, як умр чунин бошию давлат бинӣ.
Дили ман аз паси ту тарки тану ҷонам кард,
Магар ин хуб, ки моро чу ҳақире бинӣ.
Ту ба як он бирабудастӣ ҳама дору надор,
Ҳама гӯянд маро ин ки чунин мискинӣ.

Аз Худо дар талабам, ки пас аз ин боқии умр
Ҳамдамам бошию ҳам дам ба барам биншинӣ.
Эй, Шарифӣ, паси сар карда ба васлаш бирасӣ,
Ба сар роҳи ту гарчи буда садди чинӣ.

***

Дилам майли ту дорад ҳар нафас, эй ғамгусори ман,
Сарам ҳар лаҳза савдои ту дорад, эй нигори ман.
Кашад поям ба сӯи манзили ту ҳар замон, эй гул,
Ту ҳусни шеъри ман бошию ҳастӣ ифтихори ман.
Кунам шукрона аз қисмат, ки бо илҳоми яздонӣ
Бимонад дафтари шеъру ғазал чун ёдгори ман.
Чу умрам кам шавад ҳар дам, гуноҳам беш мегардад,
Аҷаб бошад, ки рӯзи ҳашр бошӣ дар канори ман.
Лабони бӯсахоҳи мо чу як ҷо мешавад ҳар гоҳ,
Зи дастам меравад он дам инону ихтиёри ман.
Шарифӣ, тарки навмедӣ куну уммед маҳкам дор,
Зимистонам ба поён омаду омад баҳори ман.

***

Эй шамъи ишқи пок, парвона шуд дилам,
В-аз дарду ғуссаҳот шеър аст ҳосилам.
Ҳар лаҳза зиндаам бо ёди васли ту,
Бе ёди ишқи ту ғамхона манзилам.
Умрест дар азоб ҷони ҷавони ман,
Мурғи фитодае дар банди бисмилам.
Шодоб дафтари шеъру тарона, лек
Дарё равонаву хушк аст соҳилам.
Тасбеҳдонаам дар банди ишқи ту,
Пайвастадонаи банди ҳамоилам.
Ту бахту сарнавишт, ҳам файзи сад биҳишт,
Қандил агар туӣ, рӯшан маҳофилам.

***

Ҳамчу сарве ту дар ин боғи латофат раста,
Ба назар сарвари гулҳо туӣ, эй гулдаста.
Ваҳ, чӣ ширин ба забон ҳарфу сухан меорӣ,
Лабу даври даҳанат ғунчаи шаккарбаста.
Дида аз ту наканам ҳеҷ, ки серат бинам,
Сари зону бари ту то ба саҳар биншаста.
Банд-банди хами мӯи сияҳат дил барбаст,
То абад бод, ки як тор аз он нагсаста.
Нахалад хор ба пои ту, Илоҳо, ҳаргиз,
Ба дуогӯии ту ҳеҷ набошам хаста.
Зинда бод он, ки ба ту рост бигуфта сифатам,
Ҳар кӣ бад гуфт, бувад ҷоғу даҳонаш баста.
Ишқбоғи мани дилдода қадамгоҳи ту бод,
То даме, ки қадаҳи зиндагиам нашкаста.

***

То ба кай бовар ба лофи аҳду паймонат кунам,
То ба кай наззора сӯи бому айвонат кунам.
Бош дар паҳлӯи ман чун ғунча дар паҳлӯи хор,
То шабе шеъри ту гӯям, бӯсаборонат кунам.
Гар халад хоре ба поят, бо сари мижгон кашам,
Гарм дар оғӯши худ бигрифта, дармонат кунам.
Эй қади сарват балои ҷони муҳтоҷон, шабе
Бар сари болинам о, то сар ба сомонат кунам.
Аз лаби майгуни ту бӯсида, пинҳонӣ назар
Бар ду чаши масту махмури пушаймонат кунам.
Аз ду абрӯи ту чун дарёфтам байти ғазал,
Пеш о, то пас аз ин ҷуфти ғазалхонат кунам.

***

То ба кай нақши ту пайдо кунаму зор шавам,
Ғусса аз қисмати бад ҷӯяму бемор шавам.
Ту ҳамон гул, ки дилам майли ту дорад танҳо,
Туӣ он гул, ки ба бозор харидор шавам.
Гарчи донанд ҳама ин, ки туро ёр манам,

Пеши ҳарфи даҳани огаҳат инкор шавам.
Гарчи аз дасти ту озурдаю саргашта манам,
Сина шӯрида зи дасти ту дигар бор шавам.
Эй, таманнои ғами ишқи ту, ки маҷнунам кард,
Садқаи омадану рафтанат, эй ёр, шавам.

***

Ҳусн андеша ба ин чеҳраи покат дорад,
Шукри ёре, ки чунин ҳусну малоҳат дорад.
Нест хоҷат ба гули рӯи ту ташбеҳи дигар,
Гул ба ин шева куҷо файзу тароват дорад.
Лаънати ҳарду ҷаҳон кош биборад ба саре,
Ки ба ҳамбистари худ кину адоват дорад.
Зинда бод он, ки дар ин кашмакаши даври куҳан
Дили пурдард, вале лутфу назокат дорад.
Шод бошо ҳама дам, эй нигаҳи тозаи ман,
Дил ба кӯи ту маро майлу ҳидоят дорад.
Бе ту ин умр маро сард буду ҳам дилгир,
Бо ту дил давраву даврони саодат дорад.
Ишқи покиза сароғози адаб буду ҳаст,
Дили ошиқ бишунидам, ки ҳикоят дорад.

***

Оҳ! Шавад, ки лаҳзае ҷониби мо назар кунӣ,
Ишқи ниҳонии маро паҳн ба баҳру бар кунӣ.
Байту ғазалнависиам ин ҳама аз барои туст,
Гул, ба таронаҳои лаб шоми маро саҳар кунӣ.
Ошиқи зори ту қатор дар лаби варта сад ҳазор,
Олиҳаи ғурурӣ ту, сӯи дигар назар кунӣ.
Мо, ки ҳазину дилфигор, маҳви ҷамолу ҳусни ёр,
То ба кай эй ту, зулфи мор, хун дилу ин ҷигар кунӣ.
Дил ба ҳавас кушодаам, сӯи ту по ниҳодаам,
Бо дили нарму содаам, роҳ чаро дигар кунӣ.
Ман ба муроди ин ҷаҳон ҳамраҳи ту шавам равон,
Бод ба дил муҳаббате, ҳамраҳи ман сафар кунӣ.

***

Чашмам ба чеҳраи гули ту чор мешавад,
Дар кӯи ишқи ту дилам афгор мешавад.
Шодоби бӯсаҳои ту мастам намудааст,
Ҳатто ба хоби шаб ҳама такрор мешавад.
Ҳар кӣ ба дӯстони худаш мекунад бадӣ,
Расвову раъди маърака ҳар бор мешавад.
Дар базми шеъри ман биё, эй пок ёри ман,
Уммед аз даричаи пиндор мешавад.
Ҳар кӣ фиреби дилбари маҳчеҳра мекунад,
Охир хаёлаш аз пайи ғамхор мешавад.
Эй гул, биё, ки дар лаби дарёи интизор
Ишқи мани фидои ту изҳор мешавад.

***

Гулбарги рӯ чӣ зебо, рухсора арғувонӣ,
Бо ду камони абрӯ ҷону дилам ситонӣ.
Лабҳо ақиқу дандон чун шаддаҳои марҷон,
Гирад маро ба афсун чашмони осмонӣ.

Хуршедро ба домон пӯшида метавон кай,
Бозӣ ба бозӣ охир дил додаам ниҳонӣ.
Ҳар лаҳзаи ҳаётам бо ёди ту бувад хуш,
Бе ту набигзарад хуш як лаҳза зиндагонӣ.
Бар домани умедат эй кош, мерасидам,
Эй олами саодат, эй ишқи навҷавонӣ.

***

Дилам гум мезанад ҳар гаҳ бари дидори Шаҳрия,
Нашуд ёрам, агарчи ман шудастам ёри Шаҳрия.
Ба симои дилошӯбаш рабуда ақлу ҳуши ман,
Вуҷуди ман харобу инчунин бемори Шаҳрия.
Чӣ сон ман арза дорам ин ҳама шайдоии худро,
Забонам лол монад лаҳзаи гуфтори Шаҳрия.
Ба бозори муҳаббат гар харидораш бувад афзун,
Манастам то қиёмат ошиқу ҳам зори Шаҳрия.
Ҳама дору надорамро ба пеши пош мерезам,
Ду чашмони сарам пайваста бошад чори Шаҳрия.
Кунун Наврӯзу соле шуд надида рӯяшу лекин
Нашуд як лаҳза аз ёдам гули рухсори Шаҳрия.
Шарифӣ, реша дар обию уммеди самар дорӣ,

Ба васлаш мерасию бишканӣ хуммори Шаҳрия.

## Ғазалвора

Умрам чу дарёи равон эй бас шитобон меравад,
Ҳайфо, агар марди ҳунар аз худ пушаймон меравад.
Бингар, ки аз бечорагӣ тарки маю соғар кунам,
Қалби хуморолудаам ҳам аз пайи он меравад.
Садҳо дареғу ҳасрато аз дасти умри кӯтаҳам,
Аз бевафоиҳо ба ман ҳоло ба поён меравад.
Дар осмон хатҳо, ки буд аз ман-маниҳои ғурур,
Ҷонам зи тан ҳоло зи ман бар сӯи кайҳон меравад.
Оне, ки озори маро бинад раво, ёдаш ба хайр,
Ҳар кӣ ба коре дил ниҳад, дил аз пайи он меравад.
Эй он, ки мефахрӣ мудом аз як китоби хурдаке,
Донӣ ки аз дори фано шаҳномахонон меравад.
Шукри Ҳаку шукри Расул, шукри Имоми Аъзамаш,
Зеро Шарифӣ аз пайи ихлосдорон меравад.

**ДУБАЙТИҲО**

Ватан, гаҳворачунбон модари ман,
Ватан ҳам қудрату тоҷи сари ман.
Чӣ хуш андар Ватан озод гардад
Нафас ҳар лаҳза бо ман дилбари ман.
***
Ватан омӯзгору сарвари ман,
Ватан ҳар зарра хоки кишвари ман,
Зи амраш сар бипечам гар, Худоё,
Амон ҳаргиз намонад ин сари ман.
***
Сарфарозам, ки ҳарду навҷавонем,
Саодатманди як давру замонем.
Раҳи бахту саодат сабз бодо,
Худо, дар нимараҳ асло намонем.
***
Ба бар кардӣ либоси аврупоӣ,
Бад-он ин қадр зебо менамоӣ.
Маро шодии дунё аз ту ояд,
Дигар ҳаргиз макун аз ман ҷудоӣ.
***
Маро бо ақли худ мафтун намоӣ,
Шавӣ ҳар лаҳза дар чашмам падидор.
Агар меҳри ту аз қалбам бурун рафт,
Маро, ёрам, дигар одам набишмор.
***
Расад рӯзе, ки васфатро сароям,
Туро бо роҳи нав роҳӣ намоям.
Манам танҳо калиди қисмати ту,
Азизам, қулфи асрорат кушоям.
***

Ҳақиқатро агар гӯям, азизам,
Туӣ танҳо ҳалиму ботамизам.
Худоро шукр дорам, ки камина
Ба ту ошиқ, вагарна ҳеҷ чизам.

***

Падар, ғамгин машав аз кору борам,
Мапиндор ин ки парвоят надорам.
Ҳама панде, ки гуфтӣ то ба ин дам,
Саросар шуд калиди рӯзгорам.

***

Ҳамон рӯзе, ки пайғомат расида,
Шудам мафтуни ту рӯят надида.
Ту болотар зи пиндорам будастӣ,
Бувад ҷои ту гаҳварҳои дида.

## Ба ёри сарнавиштсозам

То ба ин дам ҳар чи гуфтам,
Дурри маъние бисуфтам,
Дар сари сатри равону норавонам
Нимашабҳое нахуфтам,
Шодкомиҳо гурезон буд аз ман,
Тоқа-тоқа гоҳ пайдо.

Ғам ҳамеша буд гулӯгир,
Нобасомонӣ, парешонӣ, вале пайгир
чуфт-чуфтам.
Ман тани танҳо дар ин дунёву паҳно,
Баъди марги волидайну додару ҳам хоҳарам
Ёр шуд ағёри ман,
Балки бадтар ӯ зи душман,
Орзуям буд фақат гӯру кафан.
Ҳар чӣ гум шуд дар вуҷудам,
Ҳаммаро гум карда будам,
Балки худ гум гашта будам.
Як ҷаҳон бори маломат шуд ба дӯшам,
Таънаҳо бишнидаму лекин чу моҳие хамӯшам,
Дарзаи наштар бағал андохт ёри гулфурӯшам,
Заҳри қотил дошт ҷоми боданӯшам.
Оқибат шукрона дорам, шукри беҳад аз Худо,
Шукри он ки ман бирастам аз бало.
Оқибат охир шуда ҷабру ҷафо.
Шуд кунун поёни шаб охир сафед,
Ман кунун донам, ки аз баъди Худо
Аз ту дорам, аз ту, ёрам ман умед.
Будаӣ ту сарнавиштам,
Ҳам вуҷуду ҳам сириштам.
Гарчи бад бадкориҳо карду бирафт, лек ман
«Дар замирам ҳеҷ гоҳе
Тухми бадхоҳӣ накиштам».
Оқибат донистаам инро
Бо ту ин ҷову дар он дунё
Дар биҳиштам, дар биҳиштам, дар биҳиштам.

Иноятуллоҳ Шарифӣ 1-июли соли 1952 дар деҳаи Ғуриёти ноҳияи Ҳисор таваллуд шудааст. Соли 1970 Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳия ва соли 1979 бахши иқтисодии УДТ (ҳоло ДМТ)-ро хатм кардааст. Солҳои 1970-1972 дар хизмати ҳарбӣ буд.

Иноятуллоҳ омӯзгор, иқтисодчӣ ва муҳосиб шуда кор кардааст. Айни ҳол омӯзгори Муассисаи давлатии литсейи касбии металлургии шаҳри Турсунзода мебошад. Шеърҳояш дар матбуот ва китобҳои дастҷамъии «Баҳори Ҳисор» (1992), «Падида» (1997), «Муфтии шаҳид» (1998), «Паёми истеъдод» (2004), «Насими Ҳисор» (2004) ва маҷмӯаҳои алоҳидаи ашъораш «Шукри неку бад» (2008), «Такопӯи зиндагӣ» (2011) ба чоп расидаанд.